«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.** ____________________
«3»____12____ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Амирзода Фарнуш Амир унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Амирзода Фарнуш Амир соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ дохил шуда, онро соли 2018 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ хатм намудааст.

Аз соли 2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба ҳол фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 07.01.2021, №01-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 20.12.2024. №505-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ 23-уми декабри соли 2023, суратмаҷлиси №4 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ –** Мавлоназарзода О.А. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 13 сентябри 2025, №66 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон 29 ноябри соли 2025 №4 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», чунин хулоса қабул **карда шуд:**

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилали хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия баён шудаанд, дар 1 воситаи таълимӣ ва 17 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 9 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудааст. Мақолаҳои нашргардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Ин таҳқиқот барои мақомоти давлатӣ, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалиро амалӣ мекунанд ва барои субъектҳои хоҷагидоре, ки бевосита дар

фаъолияти ассотсиатсияҳо иштирок мекунанд, арзиши илмӣ ва амалӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар амалияи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои умумии Тоҷикистон истифода шаванд.

Илова бар ин, баъзе муқаррароти диссертатсия метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин омӯзиши механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ хизмат кунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот инчунин дар истифодаи он дар раванди таълим, хусусан ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва дар доираи курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ зоҳир мешавад.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.** Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Нововарии кор аз он иборат аст, ки то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мавзуи омӯзиши муфассали монографӣ набуданд, ки ин таҳлилро саҳми муҳим дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ мегардонад. Масалан:

1. Асотсиатсия (иттифоқ) вазъи ҳуқуқии шахси ҳуқуқиро дошта, иттиҳодияи ихтиёрии хусусияти ғайритиҷоратидоштаи шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ва шахсони воқеӣ мебошад, ки дар он захираҳо, манфиатҳо ё кӯшишҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян ё ҳалли мушкилоти умумӣ муттаҳид гардида, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии манфиатҳо, ҳадафҳо ва хусусиятҳои умумӣ доштаро, бо мақсадҳои ҳимояи манфиатҳои аъзои он, пешниҳоди захираҳо ва хидматҳои муштарак, мубодилаи дониш ва таҷриба ва ғайра муттаҳид мекунад. Ассотсиатсияҳо метавонанд манфиатҳоро дар соҳаҳои гуногун, аз иттиҳодияҳои касабавӣ ва тиҷоратӣ то ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ намояндагӣ кунанд. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ аксар вақт

дар асоси оинномаҳо ё қоидаҳое амал мекунанд, ки сохтор, фаъолият ва мақсадҳои онҳоро танзим мекунанд.

2. Истилоҳҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ» васеъ дар қонунгузории миллӣ истифода мегарданд, аммо мушаххас мафҳуми онҳо дар ягон санад оварда нашудааст. Ассотсиатсия ва иттифоқ ҳамчун шакли иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ба принсипи асосии таснифи шахсони ҳуқуқӣ – тақсим ба шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ – пурра мувофиқат намекунанд.

Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ба ассотсиатсия танҳо вазифаҳои маҳдудро (намояндагӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифзи манфиатҳои умумии аъзоён) интиқол медиҳанд, худи аъзоён бошад мақом ва мустақилияти шахси ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд. Аз ин рӯ, таъсиси чунин ассотсиатсияҳо бояд дар шакли ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ё ширкатҳо бо муайян намудани ваколатҳои мақомоти идоракунӣ дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ амалӣ гардад.

Иттифоқи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсадҳои тамоман дигар ихтиёран муттаҳид мешаванд. Ин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул нестанд, фаъолияти онҳо бо қонунҳои махсус танзим мегарданд.

3. Танзими ҳуқуқӣ барои муқаррар кардани қоидаҳо оид ба муайян кардани маҳалли ҷойгиршавии ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ зарур аст. Агар қонунгузорӣ имкони таъсиси ассотсиатсияҳои фаромиллии шахсони ҳуқуқиро пешбинӣ карда бошад, маҳалли ҷойгиршавии онҳо, маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти асосӣ муқаррар карда мешавад, зеро он вазифаҳои идоракунӣ ва ҳамоаҳангсозии кори тамоми ташкилотҳои фаръии ба ассотсиатсияҳо дохилшударо иҷро мекунад. Ин равиш возеҳият ва шаффофиятро дар муайян кардани салоҳият ва мақоми ҳуқуқии чунин ассотсиатсияҳо таъмин мекунад.

Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 1 воситаи таълимӣ ва 17 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои баррасишавандае, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 20,25 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои баррасишаванда ва тавсиядодаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М] Зайнидинов, Ф.А. Қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Амирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №7. – С. 238-242; ISSN 2413-5151.

[2-М] Зайнидинов, Ф.А. Моҳияти ҳуқуқии ташкилотҳои корпоративӣ ва тиҷоратӣ ҳамчун намуди шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Амирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №1(21). – С. 97-111; ISSN 2414 9217.

[3-М] Амирзода, Ф.А. Хусусиятҳои муносибатҳои байни муассисон ва шахсони ҳуқуқӣ то ба қайдгирии давлатӣ ва баъд аз он [Матн] / Ф.А. Амирзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №3 (35). – С. 117-127. ISSN 2307 – 5198.

[4-М] Амирзода, Ф.А. Мафҳум ва аломатҳои муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Амирзода // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №2 (56). – С. 189-194; ISSN 2664-0651.

[5-М] Амирзода, Ф.А. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ассотсиатсияҳо тибқи қонунгузории ҷумҳурии тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Амирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №3 (35). – С. 65-75; ISSN 2414 9217.

[6-М] Амирзода, Ф.А. Сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо [Матн] / Ф.А. Амирзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – №3 (47). – С. 151-162; ISSN 2307 – 5198.

[7-М] Амирзода, Ф.А. Функсияҳои асосии таъсиси иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Амирзода // Паёми донишгоҳи омузгорӣ. – 2024. – №2-3 (14-15). – С. 125-130; ISSN 2710-4672.

[8-М] Амирзода, Ф.А. Танзими давлатии иттиҳодияҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Амирзода // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №4-1 (69). – С. 339-346; ISSN 2664-0651.

[9-М] Амирзода, Ф.А. Таснифоти умумии ассотсиатсияҳои шахсони ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Амирзода // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Қонунгузорӣ. – 2024. – № 4 (56). – С. 116-123; ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмӣ, ки дар нашрияҳои дигари илмӣ чоп шудаанд:**

[10-М] Zaynidinov, F.A. The concept and types of tourism in accordance with foreign and Tajikistan legislation [тext] / F.A. Zaynidinov // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8– уми октябри соли 2020)/ Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқукшиносӣ, профессор Сангинов Д.Ш. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020. – С. 77-83.

[11-М] Зайнидинов, Ф.А. Роҳҳо ва усулҳои таъсисдиҳии шахсони ҳуқуқӣ [текст] / Ф.А. Амирзода // //Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон №3(19). – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020. – С. 115-123.

[12-М] Зайнидинов, Ф.А. Таснифоти шахсони ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ [Матн] / Ф.А. Амирзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “ Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ” аз 7.10.2021. – Душанбе: “Матбааи ДМТ”, 2021. – С. 223-229.

[13-М] Амирзода, Ф.А. Азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, тартиби таъсис ва барҳамдиҳии онҳо [Матн] / Ф.А. Амирзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносиҷи ДМТ бахшида ба “75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, “ 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров”, “Соли 2023-Соли забони русӣ” ва “Соли 2025- Соли байналмиллалии ҳифзи пиряххо”. – Душанбе: “Матбаи ДМТ”, 2023. – С. 172-182.

[14-М] Амирзода, Ф.А. Баъзе масъалаҳои таъсисдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва корпоратсияҳо ҳамчун намуди шахсони ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Амирзода // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ»). –Душанбе, 2024. – С. 160-63.

[15-М] Амирзода, Ф.А. Баъзе масъалаҳои таъсисдиҳии намудҳои шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун иттиҳодияҳои фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / Ф.А. Амирзода // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷиқичтон», «Соли

маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, – 2024. – С. 217-227.

[16-М] Амирзода, Ф.А. Мафҳум ва намудҳои ассотсиатсияҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Амирзода // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ – назариявӣ бахшида ба 100 – солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор узви пайвастаи АМТ Тоҷикистон Раҳимзода М.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шонасриддинов Н. – Душанбе: Матбааи ДМТ, – С. 157-165.

[17-М] Амирзода, Ф.А. Танзими ҳуқуқии иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Амирзода // Пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини самаранокии идоракунии давлатӣ: вазъ ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (4-5-уми декабри соли 2024) // Зери таҳрири номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ҷ. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдиев И.З. – Душанбе: «Контраст», 2024. – С. 412-417.

**III.Воситаи таълимӣ:**

[18-М] Sanginov, D.Sh., Zaynidinov F.A. Tourism law of the republic of Tajikistan: Text lectures. [тext] / D.Sh. Sanginov, F.A. Zaynidinov. Dushanbe: «TNU publishing house», 2021. – 190p.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти

ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: 22 нафар, аз ҷумла, 4 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 9 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар муаллими калон, 6 нафар ассистентон, 1 нафар лаборанти кафедра. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси №4 аз 29-уми ноябри соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллииТоҷикистон Давлатмандзода Э.Д.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра Маҷидова Р.

**Имзои Давлатмандзода Э.Д. ва Маҷидова Р.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«01» 12 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj